# ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

*Дар ҷаласаи васеи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз «_28_». _08_2023 тасдиқ карда шудааст.*

# СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2024-2028

EDUCATION 4.0 FOR INDUSTRY 4.0

**ДУШАНБЕ - 2023**



*Ҳукумати мамлакат дар роҳи татбиқи нақшаҳои стратегии худ ҳамеша ба омӯзгорон ва умуман, ба кормандони соҳаи илму маориф такя менамояд, зеро онҳо дар ҳифзу нигаҳдошти дастовардҳои истиқлолият ва рушди минбаъдаи кишвар нақши пурарзиш доранд.*

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

**Ҳадафҳои олии таҳия ва татбиқи**
**СТРАТЕГИЯИ МАЗКУР**
**аз нишондодҳои зерини Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 сарчашма мегиранд:**

*Рисолат, ё моҳияти пешрафти минбаъда – ин бунёди Тоҷикистони соҳибистиқлол, шукуфон, аз лиҳози иқтисодӣ ва сиёсӣ босубот мебошад.*

*... Мо бояд барои дарки дурусти ин раванд омода бошем ва аз имрӯз самтҳои модели рушди ояндаро муқаррар намуда, хусусиятҳои сифатии онро муайян созем.*

*Омили таконбдиҳандаи чунин модели рушд захираи инсонӣ бо ҷузъҳои асосии таркибии он – маориф ва илм, ҳамчун шарти муҳимтарини баланд бардоштани сатҳи амнияти миллӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, ба ҳисоб меравад.*

*Ташаккулдиҳии талабот ба низоми тайёркунии кадрҳои касбӣ, аз ҷумла бо ҷалби корфармоёни потенсиалӣ.*

*Тайёр кардани мутахассисоне, ки ба талаботи бозори меҳнати муосир ҷавобгӯ мебошанд - ҳамчун тадбири асосии такмилдиҳии сиёсати иқтисодӣ ва низоми институтсионалӣ.*

*Тамоми сатҳҳои таҳсилот бояд ба стандартҳои сифат ҷавобгӯ бошанд;*

*Сифат ва миқёси таҳсилоти касбӣ бояд рақобатпазирии иқтисодиёти кишварро таъмин намояд;*

*Байни низоми маориф ва бозори меҳнат бояд алоқаи зич бошад, ки тавозуни пешниҳоди мутахассисони дараҷаи мухталифро аз рӯи талаботи бозори меҳнат таъмин кунад;*

*Фаъолсозии корҳои илмию тадқиқотӣ оид ба нигоҳ доштани гуногунии биологӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва устувории экосистемаҳои кӯҳӣ (ташаккулдиҳандаи ҷараёни об);*

*Низоми маориф дар тамоми сатҳҳо бояд барои ташаккулёбии дониш ва малакаи зарурӣ ҷиҳати рушди устувор мусоидат намояд.*

## ЛОГОТИПИ
## ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

*ТАВСИФИ УНСУРҲОИ ЛОГОТИП:*

ДОИРА – *нишони беохирӣ, камолот, сохти геометриест, ки беохир будани коинот, вақт, ҳаёт ва ягонагиро тавсиф медиҳад.*

ОФТОБ - *нишони неруи созанда ва сарчашмаи рӯшноӣ.*

ТИРЧА ВА СУТУНЧАҲО - *ифодаи кӯҳҳои осмонбӯси Тоҷикистон ва нишони даврӣ будани инкишофи иқтисодӣ.*

КУЛОҲИ МАГИСТРӢ - *нишони мавҷудияти ҳамаи зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар донишгоҳ.*

КУРАИ ЗАМИН - *ифодаи тамоюли ҷаҳонӣ доштани таҳсилот ва низоми ягона будани ҷаҳони имрӯза.*

КИТОБИ КУШОДА - *нишони зиндагӣ, омӯзиш, дониш, хирад.*

ШАМЪ - *равшаникунандаи роҳи инсоният, нишони муоширaт ва муколама, нерӯи гармибахшанда ва созандаи оташ.*

ХОМА ВА РАНГДОН - *рамзи илм ва эҷодиёт, нишонаи қадима будани илму фарҳанги тоҷик, унсурҳое, ки хазинаи бузурги илму маърифати башариятро та ба мо расонидаанд.*

## МУНДАРИҶА

**САРСУХАН**

**Мафҳумҳои асосӣ**

**Масири таърихии ташаккул ва тавсифи умумии донишгоҳ**

**Натиҷагирӣ аз татбиқи Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023**

**1. ТАҲЛИЛИ СТРАТЕГИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**1.1. Муҳити берунаи донишгоҳ**

**1.1.1. Таҳдидҳои муҳити беруна**

**1.1.2. Имкониятҳои муҳити беруна**

**1.2. Муҳити дохилии донишгоҳ**

**1.2.1. Ҷанбаҳои қавии донишгоҳ**

**1.2.2. Ҷанбаҳои заифи донишгоҳ**

**2. МИССИЯИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ РУШДИ СТРАТЕГӢ**

**2.1. Миссияи донишгоҳ**

**2.2. Мақсадҳои рушди стратегӣ**

**2.3. Вазифаҳои рушди стратегӣ**

**3. МЕХАНИЗМИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ**

**4. ИНДИКАТОРҲОИ ИҶРОИШИ СТРАТЕГИЯ**

## САРСУХАН

Стратегияи рушди (минбаъд Стратегия) Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (минбаъд ДДМИТ, Донишгоҳ) ҳадаф, вазифаҳои калидӣ ва самтҳои мушаххаси рушди минбаъдаи Донишгоҳро барои солҳои 2024-2028 муайян месозад. Таҷриба нишон медиҳад, ки таҳияи харитаи роҳи мушаххаси рушд, муайянкунии самтҳои асосии инкишоф, таҳияи нақшаи татбиқи стратегия ва заминаву воситаҳои ноилшавӣ ба он шарти асосии таъмини рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб рафта, муҳиммият ва аҳамияти таҳия ва татбиқи Стратегияи мазкурро асоснок мекунад. Аз ин рӯ, дар Стратегия таҳлили стратегии вазъи донишгоҳ гузаронида шуда, миссия, самтҳои стратегии рушд ва мақсаду вазифаҳои стратегӣ нишон дода мешаванд. Дар баробари ин, механизми татбиқи Стратегия ва индикаторҳои инкишофи стратегӣ мушаххас гардида, рафти иҷроиши вазифаҳои стратегия ҳамасола дар ҳисоботи солонаи ректори донишгоҳ баррасӣ ва натиҷагирӣ карда мешавад.

Қобили қайд аст, ки зимни таҳияи Стратегия нишондодҳои консепсия, стратегия ва барномаҳои зерин ба инобат гирифта шудааст:

- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
-Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
- Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
- Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумхурии Тоҷикистон;
- Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Стратегияи мазкур имконият медиҳад, ки дар асоси он сохторҳои таркибии донишгоҳ, аз ҷумла факултетҳо, Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Молия», Маркази такмили ихтисоси кормандони соҳаи молия, Парки технологӣ нақшаи чорабиниҳои мушаххасро таҳия ва татбиқ намоянд.

Стратегия барои солҳои 2024-2028 таҳия карда шуда, дар ин муддат донишгоҳ тасмим дорад дар самти таълим, корҳои илмию тадқиқотӣ, ташкилию тарбиявӣ, тавсеаи робитаҳои байналмилалӣ, таҳкими заминаҳои инфрасохторӣ ва такмили идоракунии фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ иқтидорҳои мавҷударо тақвият бахшад. Стратегия дар асоси риояи принсипҳои системанокӣ ва мутавозинӣ таҳия карда шуда, тавассути ба қисматҳои алоҳида ҷудо намудани самтҳои фаъолияти донишгоҳ дурнамои миёнамуҳлати рушди онро муайян месозад.

Стратегияи мазкурро таҳия ва қабул намуда, раёсат, роҳбарони сохторҳои таркибӣ ва устодону кормандони донишгоҳ иҷроиши онро дар маҷмӯъ ва вобаста ба самтҳои дахлдор таъмин менамоянд.

## МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

Дар Стратегияи мазкур мафҳумҳои зерин истифода карда шудаанд:

**- Миссия** – маънои будани ташкилот, рисолати он барои субъектҳое, ки онро иҳота мекунанд;

**- Стратегия** - муайянкунии дарозмуддат ва сифатноки самтҳои рушди ташкилот, ки соҳа, восита ва шаклҳои фаъолияти он, низоми муносибати байниҳамдигарӣ дар дохили ташкилот ва мавқеи онро дар муҳити атроф дар бар мегирад;

**- Мақсади (мақсадҳои) стратегӣ** - як ва ё якчанд мақсадҳо, ки ҳолати чашмдошти ташкилотро инъикос мекунанд;

**- Самтҳои стратегӣ-** самтҳои фаъолияти ташкилот, ки ба миссияи он мувофиқ буда, иҷроиши он бо захираҳо таъмин карда мешавад.

## МАҚСАДИ АСОСИИ СТРАТЕГИЯ:

- омода кардани мутахассисони баландихтисос ва рақобатпазири соҳаи молияву иқтисод, кормандони илмию омӯзгорӣ ва аз такмили ихтисос гузаронидани онҳо, такмил додани сохтор, таҳкими пояи моддиву техникӣ, истифодаи усулҳои муосири таълим, таҳияи барномаҳои ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй;

- таҳия ва татбиқи модели донишгоҳи таҳқиқотӣ тавассути тавсеаи занҷираи илм-истеҳсолот ва таъсиси гурӯҳҳои таҳқиқотӣ, ки аз он ҷумла ба гузаронидани таҳқиқотҳои байнифаннӣ махсус гардонида мешаванд;

- таҳкимбахшӣ ва тақвияти ҷаҳонбинии илмӣ, фарҳангию сиёсӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва дар заминаи ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ омода кардани кадрҳои баландихтисос;

- тарғиби муҳиммияти ҷаҳонбинии техникӣ ва технологӣ, маърифати молиявӣ, малакаҳои рақамӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва салоҳиятҳои зарурии ҷаҳони муосир;

- ташаккули имиҷи мусбии донишгоҳ дар дохил ва хориҷи кишвар, аз он ҷумла тавассути танзими экосистемаи муосири таҳсилоти касбӣ, фарогирии тамоми зинаҳои таҳсилот ва ташкили курсҳои сертифкатсионӣ, муҳити таҳсилотии бидуни мамонният ва маҳдудиятҳо, пешниҳоди имкони масири таҳсил ва ба макони амалишавии орзуҳо табдил додани Донишгоҳ.

## СТРАТЕГИЯИ МАЗКУР ПАНҶ САМТИ СТРАТЕГИИ ЗЕРИНРО ДАР БАР МЕГИРАД:



*Ташаккули экосистемаи таҳсилотиии донишҷӯмеҳваре, ки ба истифодаи васеи технологияҳои муосир, заминаҳои мукаммали таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, таъминоти кадрӣ ва модели кластерию инноватсионӣ такя карда, сифати таҳсилот ба сифати маҳаки он шинохта мешавад.*



*Гузариш ба модели донишгоҳи таҳқиқотӣ дар асоси таъсиси академия, мактабҳои бузурги илмӣ, тавсеаи занҷираи илм-истеҳсолот-тиҷорат, тақвияти модели кластерии таҳқиқотҳои илмӣ ва фаъолияти инноватсионӣ, аз он ҷумла дар заминаи таъсиси озмоишгоҳҳои маҷозӣ ва гурӯҳҳои илмии байналмилалӣ.*



*Густариши равобити байналмилалӣ бо мақсади дарёфт ва татбиқи моделҳои муосири таҳсилотӣ ва илмию таҳқиқотӣ, ки дар донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон истифода карда мешаванд, гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ ва иштирок дар рейтингҳои соҳавӣ.*



*Ташаккули фазои мукаммали маънавӣ, инкишофи салоҳияти иҷтимоию фарҳангӣ ва маданияти корпоративӣ, маънавию ахлоқӣ ва шахсӣ дар заминаи тавсеаи таҷрибаи шарикии иҷтимоӣ ва тақвияти эҳсоси ватандӯстию ватанпарастӣ ва худшиносиву худоогоҳии миллӣ.*



*Ташаккули инфрасохтори мукаммалу самарабахш тавассути ташкили озмоишгоҳҳои муосири таълимӣ, илмию таҳқиқотӣ, унсурҳои ифнрасохтори маишию маданӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, варзишию тафреҳӣ ва таъмини хадамоти заминавӣ барои ҳайати омузгорону профессорон ва донишҷӯён*

Амалӣ сохтани чорабиниҳои дар **Стратегия** нишондодашуда ба таҳкими заминаи моддӣ-техникӣ, иқтидори кадрии донишгоҳ ва ба муассисаи таҳсилоти олии касбии пуриқтидор табдил додани он мусоидат менамояд.

## МАСИРИ ТАЪРИХИИ ИНКИШОФИ ВА ТАВСИФИ УМУМИИ ДОНИШГОҲ

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №169 аз 27-уми марти соли 2018 ташкил шуда, айни замон дар Рейтинги миллии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар мақоми 4-умро ишғол менамояд.




Донишгоҳ дар раванди ташаккули худ якчанд марҳилаҳои муҳими таърихиро аз сар гузаронида, ба муассисаи таҳсилоти олии касбии бузурги соҳавӣ табдил ёфтааст. Айни замон дар донишгоҳ зиёда аз ҳашт ҳазор нафар донишҷуён таҳсил карда, низоми таҳсил тамоми зинаҳои таҳсилотро дар бар мегирад. Донишгоҳ дорои инфрасохтори инкишофёфта ва заминаи моддию техникии мукаммал буда, раванди таълим ва корҳои илмию таҳқиқотӣ бо таҷҳизоти муосир ва унсурҳои зарурӣ таъмин мебошад.

Дар давраи фаъолияти Донишгоҳ аз соли 2018 то ба имрӯз як қатор тағйиротҳои сифатӣ ва микдорӣ ба вуқуъ пайвастанд, ки муҳимтарини онҳо сохтмони бинои наву замонавӣ мебошад, ки бо иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ карда шуд. Бинои мазкур дорои озмоишгоҳҳои замонавӣ, синфхонаҳои барҳаво ва утокҳои кории мусоида мебошад, ки масоҳати умумии он зиёда аз 9000 м² ташкил медиҳад.

Дар баробари ин дар ин давра як қатор ихтисосҳои нави ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй ташкил карда шуда, раванди таълим бо адабиёти таълимӣ ва дигар маводи таълимию методӣ пурра таъмин карда шуд. Ҳамчунин барномаҳои таҳсилотии се ихтисос аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронида шуда, дар заминаи татбики лоиҳаҳои грантӣ барномаҳои таҳсилотӣ, накшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, маводҳои лексионӣ ва методӣ таҷдид карда шуданд.

Донишгоҳ дар давраи начандон зиёди фаъолияти худ ба натиҷаҳои назаррас ноил шуда, тавассути меҳнати софдилонаи устодону кормандон ва дастовардҳои донишҷӯёну магистрон ба яке аз муассисаҳои пуриқтидори соҳавии таҳсилоти олии касбии кишвар мубаддал гардид. Мутахассисоне, ки донишгоҳ дар тӯли фаъолияти худ омода намудааст, имрӯзҳо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, хизмати давлатӣ, илму маориф фаъолият намуда,

аксари онҳо намояндагони муваффақи олами тиҷорат ва соҳибкорӣ мебошанд. Донишгоҳ иштирокчии фаъоли муносибатҳои ҷамъиятӣ, маркази бузурги омодакунии мутахассисони баландихтисоси соҳаи молия ва иқтисод ва кадрҳои илмию педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муассисаи давлатии таълимӣ буда, аз рӯйи 45 ихтисос мутахассисони баландихтисоси соҳаҳои молия, иқтисод ва ҳуқуқи иқтисодиро омода мекунад. Дар баробари муассисаи таълимӣ буданаш дар донишгоҳ аз рӯйи 27 мавзуъ корҳои илмию тадқиқотӣ анҷом дода шуда, дар робита ба ин Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Молия»-и назди донишгоҳ низ доираи васеи муносибатҳои молияи давлатиро тадқиқ менамояд. Сохтори ташкилию идоракунии донишгоҳ дар асоси принсипҳои муосири менеҷменти мактаби олӣ ва идоракунии донишгоҳӣ таҳия ва аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст.

Донишгоҳ муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ буда, барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, маълумоти иловагии олии касбӣ, такмили ихтисос ва корҳои илмӣ-тадқиқотиро амалӣ месозад.

Айни замон дар ДДМИТ 5 раёсат, 9 шуъба, 6 факултет, 27 кафедра ва зиёда аз 13 бахшу марказ фаъолият доранд. Дар назди донишгоҳ Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии “Молия”, Маркази такмили ихтисоси кормандони соҳаи молия ва Парки технологӣ низ фаъолият мекунанд.

Дар донишгоҳ факултетҳои зерин аз рӯйи самтҳои гуногун мутахассисони соҳаи молия, иқтисод ва ҳуқуқи иқтисодиро омода мекунанд:

- Факултети **молия ва қарз**, ки дар ҳайати он се кафедраи тахассусӣ, аз ҷумла кафедраи молия, фаъолияти бонкӣ ва фаъолияти биржавӣ ба омодакунии мутахассисон машғуланд.

- Факултети **технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт** низ дар заминаи се кафедраи тахассуси, аз чумла моделсозии математикӣ ва иттилоотӣ, система ва технологияҳои иқтисодӣ ва информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт мутахассис омода мекунад.

- Факултети **иқтисод ва бизнес** бошад, дар заминаи кафедраҳои андоз ва андозбандӣ, суғурта ва иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ мутахассисони соҳаи андоз, суғурта, фаъолияти рекламавӣ, иқтисодиёт ва идораи корхонаҳо ва идораи давлатӣ мутахассис омода менамояд.

- Факултети **муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ**, ки кафедраҳои тахассусии иқтисоди чаҳон ва тичорати байналхалқӣ, фаъолияти гумрук ва муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқиро дар бар мегирад, мутахассисони соҳаро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ омода менамоянд.

- Факултети **ҳисобдорӣ ва омор** дар заминаи кафедраҳои тахассусии баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва ревизия, таҳлили иқтисодӣ ва омор мутахассис омода мекунад.
- Факултети **менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ**, ки аз се кафедраи тахассусӣ иборат мебошад, мутахассисонро аз рӯйи равияҳои менеҷмент, ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ ва менеҷменти молиявӣ омода мекунад.

Донишгоҳ дорои 4 бинои таълимӣ буда, дар онҳо барои як басти таълимӣ 5200 ҷойи нишаст пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин, ду маркази бузурги технологияҳои муосири компютерӣ бо 200 ҷойи нишаст барои қабули имтиҳонҳо ва 3 озмоишгоҳи муосири компютерӣ омодаи фаъолиятанд.

Дар донишгоҳ заминаи муосир ва мукаммали моддию техникӣ фароҳам оварда шудааст Айни ҳол дар донишгоҳ 2300 адад таҷҳизоти муосири информатсионию коммуникатсионии навъи гуногун мавҷуд мебошад. Аз инҳо 1000 адад компютери фардӣ, 124 адад ноутбук, 241 адад принтери навъҳои гуногун, 369 адад UPS, 73 адад свитч, 13 WiFi-роутер, 42 проектор, 24 тахтаи электронӣ, 9 планшети деворӣ, 12 экрани баннерӣ ба ҳисоб меравананд. Дар баробари ин, дар донишгоҳ 10 синфхонаи компютерӣ, аз ҷумла, 2 маркази интернетӣ ва 2 китобхонаи электронӣ мавриди истифода қарор доранд.

Айни замон дар донишгоҳ 464 нафар омӯзгор ба фаъолияти таълимию методӣ ва илмию тадқиқотӣ машғуланд, ки аз онҳо 408 нафарашон омӯзгори штатӣ ва ҳамкори дохила ва 56 нафарашон омӯзгорони ҳамкор мебошанд. Шумораи умумии устодони дараҷа ва унвони илмидошта 122 нафарро ташкил медиҳад.

Шумораи донишҷӯён то санаи 30.11.2018 7637 нафарро (4818 шуъбаи рӯзона, 2819 шуъбаи ғоибона) ташкил дода, аз онҳо 1497 нафар тариқи буҷавӣ ва 6140 нафар тариқи шартномавӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз шумораи умумӣ 1681 нафарро духтарон ва 5956 нафарро писарон ташкил медиҳанд.

Дар зинаи магистратура аз рӯи 12 ихтисос магистрон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки шумораи умумии онҳо 419 нафарро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, дар зинаи докторантура аз рӯйи ихтисос 43 нафар аз рӯйи 7 ихтисос, аз рӯйи низоми аспирантура 41 нафар ва ба сифати унвонҷӯ 59 нафар ба таҳсил ва корҳои илмию тадқиқотӣ фаро гирифта шудаанд.

Донишгоҳ дорои Китобхонаи илмӣ мебошад, ки дар он 98 800 нусхаи китобҳои илмию таълимӣ ва бадеӣ, рисолаҳои докторию номзадӣ ва зиёда аз 500 000 китоби электронӣ мавҷуд аст.

Донишгоҳ бо зиёда аз 130 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, марказҳои илмию тадқиқотии хориҷӣ ва созмону ташкилотҳои байналхалқӣ шартномаи ҳамкорӣ дорад. Айни замон дар донишгоҳ шаҳрвандони 6 давлати хориҷӣ таҳсил мекунанд. Ҳамасола устодону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ ба кишварҳои хориҷӣ сафар намуда, дар чорабиниҳои гуногуни илмию омӯзиши ва озмуну олимпиадаҳо иштирок менамоянд. Дар донишгоҳ чор лоиҳаи грантӣ татбиқ шуда, дар ин самт чораҳои мушаххас ба нақша гирифта шудаанд.

Раванди таълим бо анвою ҷиҳози муосири таълимӣ ва информатсионию коммуникатсионӣ таъмин карда шуда, барои кору фаъолият ва таҳсил шароити мусоид ва созгор фароҳам оварда шудааст.

Дар донишгоҳ мунтазам семинарҳои таълимию методӣ, конференсия ва ҳамоишҳои илмию тадқиқотии сатҳи гуногун, чорабиниҳои ташкилию тарбиявӣ, фарҳангӣ ва шанбегиву корҳои ободонӣ баргузор карда мешаванд.

# 1. ТАҲЛИЛИ СТРАТЕГИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

## 1.1. Муҳити берунаи Донишгоҳ

### 1.1.1. Таҳдидҳои муҳити беруна

Омӯзиш ва баррасии вазъи донишгоҳ нишон медиҳад, ки дар баробари дастовардҳо дар ҳамаи самтҳои фаъолият маҷмӯи масъалаҳои ҳалталабе мавҷуданд, ки бояд сари вақт бартараф карда шаванд. Вобаста ба ин дар шароити зудтағйирёбандагии бозори хадамоти таҳсилотӣ ва талаботи бозори меҳнат бояд мутахассисонеро омода намуд, ки рақобатпазир ва соҳибтахассус бошанд. Аз ин рӯ, шинохти мушкилот ва сари вақт бартараф намудани он тақозо менамояд, ки мавқеъ ва самтҳои афзалиятноки рушди донишгоҳ таҳлил ва ташхис карда шавад. Дар ин замина, таҳлили омилҳои муҳити берунӣ, ки ба фаъолияти донишгоҳ таъсиргузор мебошанд, нақши муассир доранд. Ба ин омилҳо шомиланд:

- ***барзиёд омода кардани мутахассисони соҳаи молия ва иқтисод дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ.*** Солҳои охир қариб дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар аз рӯйи равияву ихтисосҳои соҳаи молия ва иқтисод шумораи зиёди донишҷӯён ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Дар баробари ин, дар филиалҳои муассисаи таҳсилоти олии касбии кишварҳои хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд, аз рӯйи равияҳои молия ва иқтисод мутахассисон омода карда мешаванд. Ҳамасола тавассути квотаҳои байнидавлатӣ, ташкили қабули довталабон ба донишгоҳҳои хориҷӣ шумораи зиёди довталабон ба донишгоҳҳои хориҷи кишвар қабул карда мешаванд. Аз ин рӯ, мавҷудияти рақобат тақозо менамояд, ки донишгоҳ бо мақсади нигаҳдории нуфуз ва иҷрои нақшаи қабул чораҳои мушаххасро таҳия ва татбиқ намояд;

- ***коҳиши ҷолибияти муассисаҳои молиявию бонкӣ ҳамчун ҷойи кор барои мутахаасисони ҷавон.*** Бухрони бонкӣ ва истифодаи технологияҳои муосир на танҳо ба ихтисори ҷойҳои корӣ, балки ба кам шудани талаботи муассисаҳои молиявию қарзӣ ба мутахассисони нав боис мегардад. Дар баробари ин, номувозинатӣ дар ҳамоҳангии бозори меҳнат ва низоми омодакунии кадрҳои соҳа низ сабаби барзиёдии мутахассисони касбу кори алоҳида дар бозор мегарданд;

- ***рақобати шадид дар бозори омодакунии кадрҳои соҳавӣ ва рақобатпазир набудани хатмкунандагон.*** Дар баробари зиёд будани интихоб аз рӯйи равияҳои молия ва иқтисод, сатҳи начандон хуби дониш ва ҷаҳонбинии довталабон низ аз ҷумлаи омилҳои ташвишовари муҳити беруна ба ҳисоб мераванд. Вобаста ба ин, бояд дар ояндаи наздик бо мақсади ҷалби довталабони боистеъдод ва лаёқатманд тадбирҳои мушаххас андешида шавад. Аз ҷумла, дар ин самт ташкили сикли пурраи омода кардани мутахассиси соҳибтахассус ва рақобатпазир тавассути ташкили литсей ва коллеҷҳо метавонад нақши калидӣ дошта бошад.

- ***коҳиши шумораи довталабон ва номутаносибии танносуби хатмкунандагон ва нақшаи қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.*** Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки солҳои охир бинобар сабаби банақшагирии нодуруст ва пешниҳоди шумораи зиёди ҷойҳо барои қабули довталабон аксарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нақшаи қабулро иҷро карда наметавонанд. Ҳолати мазкур сабаби коҳиш ёфтани шумораи донишҷӯёни тариқи шартномавӣ таҳсилкунанда гардида, ба камшавии даромади муассисаҳо, соатҳои дарсӣ ва дар маҷмуъ ихтисори ҳайати омӯзгорону профессорон ва кормандон оварда мерасонад. Дар ин замина дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ рақобати носолим ба миён омада, кушиши нигаҳдорӣ ва таъмини шумораи умумии донишҷӯён ба сифати таълим таъсири манфӣ мерасонад.

- ***истифодаи технологияҳои рақамӣ ва таҷрибаи пешниҳоди хадамоти таҳсилотӣ тавассути технологияҳои информатсионию коммуникатсионӣ, яъне таҳсилоти маҷозӣ.*** Таҷриба нишон медиҳад, ки солҳои охир, махсусан баъди таъсисри шадид пандемияи COVID-19 имконияти таҳсили маҷозӣ фароҳам оварда шуда, то ба имрӯз аксар донишгоҳҳо аз ин усул ба таври густурда истифода мекунанд. Пайдо шудани донишгоҳҳои рақамӣ ва модели маҷозии таҳсилоти фосилавӣ низ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки ба фаъолияти донишгоҳ тасиргузор мебошанд.

Дар маҷмӯъ, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва инкишофи рақобат дар бозор хадамоти таҳсилотӣ таркиб ва таъсири омилҳои берунӣ метавонанд гуногунмазмун ва гуногунхислат гарданд.

## 1.1.2. ИМКОНИЯТҲОИ МУҲИТИ БЕРУНА

Рушди иқтисодии кишвар ва татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди ба тавсеаи муносибатҳои бозорӣ замина гузошта, ҳимоя ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ба таъсиси ширкату корхонаҳои зиёди ватанӣ заминаи мусоид гузоштанд. Дар баробари ин, тақвияти иқтидорҳои энергетикӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ тавассути инкишофи бахши хусусӣ низ ба мутахассисони баландихтисос ва рақобатпазири соҳаи молия ва иқтисод талаботи бештарро пешниҳод мекунад. Вобаста ба ин, дар марҳилаи муосири рушд ҷанбаҳои зеринро метавон ба сифати имкониятҳои муҳити берунаи донишгоҳ номбар намуд:

- ташаккули экосистемаҳои муосири технологӣ, молиявӣ ва тиҷоратӣ, ки нуфузи ихтисосҳои дахлдори донигоҳро баланд мебардоранд;

- татбиқи ҳадафҳои рушди миллӣ, ки ба таъсиси корхонаҳои нав дар соҳаи нақлиёту роҳ, энергетика ва алоқа, саноат ва сохтмон, соҳаи хизматрасонӣ, тичорат ва савдо мусоидат намуда, талаботро ба кадрҳои баландихтисос зиёд намуд;

- зиёд гардидани талаботи соҳаҳои хоҷагии халқ ба мутахассисони баландихтисос ва рақобатпазири соҳаи технологияҳои рақамӣ, андозу гумрук, ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявӣ;

- ташаккули имиҷи мусбии донишгоҳ дар миқёси кишвар тавассути иштироки фаъоли устодон дар барномаҳои оммавию фарҳангӣ, чорабиниҳои илмию тарбиявӣ ва саҳифаи фаъол дар шабакаҳои иҷтимоӣ;

- таҷрибаи иштирок дар барномаҳои байналмилалӣ, кадрҳои баландихтисоси соҳаи назария ва амалияи молия ва иқтисод.

Дар баробари ин, тавсеаи таваҷҷуҳи ҷавонон ба омӯзиши илм ва касб, баландшавии аҳамияти таҳсилоти тахассусӣ - ҳамчун омили калидии нуфузи мусбӣ ва рушди касбӣ, таваҷҷуҳи давлату Ҳукумат ба неруи инсонии босифат, таъсисёбии марказҳои бузурги саноатӣ ва агросаноатӣ, ташаккули низомҳои миллии инноватсионӣ ва ғайр метавонанд барои рушди донишгоҳ имконият ва заминаҳои мусоид фароҳам созанд.

## 1.2. МУҲИТИ ДОХИЛИИ ДОНИШГОҲ

### 1.2.1. ҶАНБАҲОИ ҚАВИИ ДОНИШГОҲ

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дорои имконият ва шароити зерин мебошад, ки ҳамчун ҷанбаи қавии он шинохта мешавад:

- ҳайати кадрии баландихтисоси илмию омӯзгорӣ ва профессорони соҳибмактаб;

- таъминоти методӣ, методологӣ ва моддию техникии раванди таълим дар сатҳи сифатан баланд ва ба талаботи муосир ҷавобгӯ;

- мавҷудияти кафедраҳои базавии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Куминати андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД “Амонатбонк”, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо;

- мавҷудияти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва истифодаи васеъ ва самараноки онҳо дар раванди таълим;

- шароити мусоид ва муҳити илмию методологии муосир ва мукаммали машғул шудан ба корҳои илмию тадқиқотӣ ва илмию инноватсионӣ;

- мавҷудияти озмоишгоҳҳои муосири иқтисодиёти рақамӣ, фаъолияти гумрукӣ, технологияҳои инттилотии раванди муҳосибот ва идораи молияи давлатӣ, бонки таълимӣ;

- мавҷудияти бизнес-инкубатор, синфхонаҳои муҷаҳҳаз, студияи сабт ва васлу танзими аудио ва видеолексияҳо;

- шабакаи густурдаи шарикони дохилӣ ва хориҷӣ, ки рушди ҳамаҷонибаи донишгоҳро дар сатҳи зарурӣ таъмин менамояд;

- инфрасохтори мукаммали фаъолият, аз ҷумла мавҷудияти биноҳои таълимии замонавӣ, маишию фарҳангӣ ва иншооти техникии ёрирасон, ки фаъолияти мунтазам ва бенуқсони донишгоҳро таъмин менамояд;

- мавҷудияти хобгоҳҳои муосир ва иншооти варзишӣ, ки дар як минтақа ҷойгир буда, кампуси ягонаи таълимиро ташкил медиҳанд.

## 1.2.2. ҶАНБАҲОИ ЗАИФИ ДОНИШГОҲ

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон яке аз муассисаҳои навтаъсиси таълимӣ мебошад, ки барои соҳаҳои гуногуни низоми молиявию иқтисодии ҷумҳурӣ кадрҳои баландихтисос омода мекунад. Новобаста аз муваффақиятҳои муайян масъалаҳои ҳалталаб ва мушкилиҳое вуҷуд доранд, ки ҳамчун нуктаҳои заиф шинохта мешаванд, аз ҷумла:

- ***дар самти таълим:*** норасоии китобҳои дарсӣ, васоит ва маводи таълимӣ бо забони давлатӣ, нарасидани мутахассисони баландихтисос, устодони дорои дараҷа ва унвони илмӣ, паст будани сатҳи дониши довталабон ва соҳиби аккредитатсияи байналхалқӣ набудани ихтисосҳои донишгоҳ;

- ***дар самти корҳои илмию тадқиқотӣ:*** дарёфти сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ; пайвастагии илм бо истеҳсолот; сатҳи нисбатан ками ҷалби донишҷӯён ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ; кам будани мактабҳои илмӣ; сатҳи нокифояи ҳамкориҳо бо марказҳои илмӣ-тадқиқотии ватанӣ ва байналхалқӣ; Дар баробари ин, дар сатҳи зарурӣ истифода накардани система ва технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни таълим, илм, тарбия ва идоракунӣ; дарёфти роҳҳо ва усулҳои нави пешрафтаи инноватсионӣ дар самти идоракунии кадрҳо низ ба таҷдиди назар ниёз доранд;

- ***дар самти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва иштирок дар озмунҳои дарёфти грантӣ:*** сатҳи пасти табодули донишҷуён ва мубодилаи академии устодон; ташкили конференсияҳои муштарак; фаъолияти нокифояи сохторҳо ва устодон дар навиштани лоиҳаҳои илмӣ ва дарёфти грантҳо, сатҳи нокифояи забондонӣ ва салоҳияти забонии устодон ва донишҷӯён, нокифоя будани таҷрибаи ҷалби омилону коршиносони хориҷӣ;

- ***дар самти корҳои ташкилию тарбиявӣ:*** мушкилоти вобаста ба фарҳангу маданият, одоби муошират, эҳтироми бузургсолон, рафтору кирдор, таҳаммулпазирӣ ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондани омӯзиши арзишҳои миллию умумибашарӣ, тарбияи ватандӯстию ватанпарастӣ ва арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ.

Дар баробари ин, масъалаҳои дигари ҳалталаб, аз ҷумлаи сатҳи касбияти устодон ва баландбардории сифати таълим низ дорои аҳамияти махсус буда, дар ин самт бояд барномаҳои мушаххас ва мантиқӣ таҳия ва татбиқ карда шавад. Мушкилоти вобаста ба интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, танзими шароит барои таҳкими ҷаҳонбинӣ ва ташаккули

мутахассисони баландихтисос, истифодаи усулҳои муассири ҳавасмандгардонии кадрҳо, татбиқи принсипи пардохти музди меҳнати тафриқавӣ ва масоили сиёсати иртиботӣ аз ҷумлаи нуктаҳои заифи донишгоҳ ба ҳисоб меравaнд.

## 2. НАТИҶАГИРӢ АЗ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2019-2023

Таҳлили натиҷаҳои татбиқи Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ки бо Қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ аз 10 январи соли 2018 тасдиқ шуда буд, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ин давра ДДМИТ ба яке аз бузаргтарин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии соҳавӣ табдил ёфта, дар Рейтинги миллии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар мақоми устувори 4-умро ишғол менамояд.

Натиҷаи муҳим ва ифтихории татбиқи Стратегияи 2018-2023 ин бунёд ва бо иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истифода додани бинои нави таълимӣ мебошад. Бинои нав барои 6 ҳазор ҷойи нишаст дар ду баст пешбинӣ гардида, дорои 66 синфхонаи барҳавои лексионӣ, аз ҷумла озмоишгоҳҳои кафедраи фаъолияти гумрукӣ, иқтисоди рақамӣ, бонки таълимӣ ва шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим, 25 ҳуҷраи корӣ, 4 толори конфронсӣ, лексионӣ, шӯрои диссертатсионӣ ва дигар иншооти ёрирасон мебошад.

Дар ин давра ҷиҳати иҷроиши индикаторҳои Стратегия дар самти таълим як қатор корҳои назаррас ба анҷом расонида шудаанд, ки таъсиси ихтисосҳои нав, таҳияи барномаҳои нави таълими ва маводҳои таълимию методӣ, гузаронидани устодон аз курсҳои такмили ихтисос ва афзоиши шумораи умумии донишҷӯёнро метавон номбар намуд. Дар баробари ин раванди таълим бо технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ва озмоишгоҳҳои наву замонави таъмин карда шуда, чараёни таълим бо истифодаи васеи технологияҳои интерактивӣ ва аудиоию видеоӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар самти тақвияти корҳои илмию таҳқиқотӣ дар Донишгоҳ Шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шуда, маҷаллаи илмию амалии “Паёми молия ва иқтисод” ба Феҳристи маҷаллаҳои тақизшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил карда шуд. Дар ин давраи 55 нафар рисолаи номзадӣ ва 5 нафар рисолаҳои доктории худро дифоъ намуда, ҳиссаи устодони дараҷа ва унвони илмӣ дошта аз 50% зиёд  карда шуд. Дар ин давра шумораи зиёди монография ва мақолаҳои илмӣ таҳия ва чоп карда шуда, ҳайати илмии донишгоҳ дар чорабиниҳои гуногунӣ илмӣ иштирок намуданд.

Дар самти корҳои ичтимоӣ ва ташкилию тарбиявӣ бошад чорабиниҳои гуногунсамт ва гуногунмазмун ташкил карда шуда, корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, тарбияи ватандӯстию ватанпарастӣ ва худшиносию худогоҳӣ аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб меравaнд. Тақвияти корҳо дар самти ҳифзи саломатӣ ва тарзи ҳаёти солим имконият доданд, ки ҳайати устодон ва донишҷӯёни донишгоҳ дар мусобиқаҳои дастаҷамъи ва гурӯҳӣ сазовори натиҷаҳои ифтихорӣ гардида, варзиши миллиро дар сатҳи минтақавӣ ва байналхалқӣ муаррифӣ намоянд.

Дар давраи ҳисоботи дар самти робитаҳои байналмилалӣ низ натиҷаҳои муҳим ба даст оварда шуданд. Дар ин давра 7 лоиҳа бо маблағи умумии зиёда аз 8 млн. сомонӣ татбиқ карда шуд, ки дар асоси онҳо базаи моддию техникии донишгоҳ такмил дода шуда, раванди таълим бо маводҳои нави таълимию методӣ таъмин карда шуданд. Ҳамчунин се ихтисоси донишгоҳ аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронида шуда, шумораи донишҷӯёни хориҷӣ аз 1000 нафар зиёд гардид, ки фарогири шаҳрвандани 6 кишвари хориҷӣ мебошад. Дар ин давраи бо зиёда аз 37 муассисаҳои таълимӣ ва илмию таҳқиқотии хориҷӣ созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида шуда, зиёда аз 250 нафар устодону донишҷӯён дар барномаи мубодила ва курсҳои такмили ихтисос иштирок намуданд.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дорои 5 бинои таълимӣ, 6 факултет, 19 кафедраи тахассусӣ ва 8 кафедраи умумидонишгоҳӣ мебошад. Дар ин муассисаи таълимӣ мутахассисони соҳаи молия, иқтисод, технологияҳои инноватсинонию коммуникатсионӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ ва фаъолияти гумрукию оморӣ омода карда мешаванд. Дар донишгоҳ 19 доктори илм, 140 номзади илм, 215 муаллими калону ассистент ва дар умум 373 омӯзгор ба 9 ҳазору 468 донишҷӯ дарс медиҳанд.

Дар соли таҳсили 2022 -2023 дар асоси нақша, қабули довталабон ба донишгоҳ аз рӯи 6 ихтисоси нав, аз ҷумла иқтисоди рақамӣ, бехатарии иқтисодӣ, идораи давлат ва ҳуқуқ, амнияти компютерӣ, кибернетикаи иқтисодӣ ва идораи давлатӣ ба роҳ монда шудааст.

## 3. МИССИЯИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН.
## МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ РУШДИ СТРАТЕГӢ

## 3.1. МИССИЯИ ДОНИШГОҲ

**БИНИШ**

| |
|---|
| **ОМОДА КАРДАНИ МУТАХАССИСОНЕ, КИ БАРОИ РУШДИ УСТУВОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЗАРУР МЕБОШАНД** |

**МИССИЯ**

| |
|---|
| **ТАЪМИН НАМУДАНИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР БО КАДРҲОИ РАҚОБАТПАЗИР ВА БАЛАНДИХТИСОСИ СОҲА** |

Миссияи Донишгоҳ аз татбиқи унсурҳои зерин иборат аст:

**1. ТАЪЛИМӢ** – ҷорӣ намудани усулҳои муосири таълим дар раванди тайёркунии кадрҳо аз рӯи ихтисосҳои амалкунандаи донишгоҳ, ки ҷавобгӯ ба талаботи муосир мебошанд;

**2. ИЛМӢ** – тақвияти иқтидори илмии донишгоҳ бо истифода аз таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ;

**3. ИННОВАТСИОНӢ** – таъсиси марказҳои муосири тамоюли инноватсионидошта, аз қабили бизнес-инкубатор, маркази кашф ва пешниҳоди ғояҳои инноватсионӣ, тақвияти фаъолияти Парки технологии донишгоҳ, ки ба ташаккули муҳити инноватсионӣ мусоидат менамоянд;

**4. СОҲИБКОРӢ** – ташаккул додани фаъолияти соҳибкории хусусияти иҷтимоидошта, ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ширкату корхонаҳои ватанӣ ва ҷалб намудани онҳо барои татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ ва лоиҳаҳои тиҷоратии донишгоҳ. Дар баробари ин, ба роҳ мондани омӯзиши асосҳои ташаккули тафаккури соҳибкорӣ дар байни донишҷӯён, махсусан донишҷӯдухтарон, ташкил ва идоракунии соҳибкорӣ дар тамоми ихтисосҳои донишгоҳ;

**5. ТАРБИЯВӢ** – омода кардани мутахассисони баландихтисос ва рақобатпазире, ки ҳисси баланди худшиносӣ ва худогоҳӣ доранд, ватандӯст ва ватанпарастӣ ғояи марказии фаъолияти минбаъдаашон ба ҳисоб меравад, таҳаммулпазиранд ва ба зуҳуроти номатлуби ҷаҳони муосир устувор буда, бо рафтори нек, пиндори нек ва кирдори нек дар ташаккули ҷомеаи солим саҳмгузор мешаванд;

**6. РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ** – тадқиқ ва омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти таҳкими пояҳои рушди донишгоҳ, аз ҷумла дар самти таълим, корҳои илмию тадқиқотӣ, ташкилию тарбиявӣ ва идоракунии рушди фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ва инфрасохтори донишгоҳ. Тақвияти ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ ва илмию тадқиқотии хориҷӣ ва дохилӣ, аз ҷумла тавассути иштирок дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои грантӣ;

**7. ТАЪМИНОТИ МОДДИЮ ТЕХНИКӢ ВА РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ДОНИШГОҲ** – таҳкими базаи моддию техникии донишгоҳ, таъмини шароити мусоиди таҳсил ва кору фаъолият, тақвияти корҳои ободонӣ, бунёди бино ва иншооти нави таъйиноти гуногундошта ва андешидани чораҳое, ки фаъолияти мунтазам ва муназзами донишгоҳ ва сохторҳои таркибии онро таъмин менамояд.

## 2.2. МАҚСАДҲОИ РУШДИ СТРАТЕГИИ ДОНИШГОҲ

Мақсадҳои стратегии донишгоҳ инкишофи устувор ва самараноки донишгоҳ, ҳамчун муассисаи таълими олии касбӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва инноватсионӣ, ки рақобатпазирии онро таъмин менамояд.

Вобаста ба миссияи ДДМИТ мақсадҳои стратегӣ аз инҳо иборат аст:

а) ташкили муассисаи таҳсилоти олии касбии инноватсионӣ;

б) ишғоли мавқеи асосӣ дар самти омода кардани мутахассисони рақобатпазири соҳаи молия ва иқтисод.

Мақсади Стратегия барои солҳои 2024-2028 ин иҷроиши миссияи маркази пешбарандаи таълимӣ, илмӣ - тадқиқотӣ ва бозомӯзии мутахассисон дар соҳаи молияи давлатӣ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ мо бояд рақобатпазир бошем ва тавонем, ки мутахассисони баландихтисос ва рақобатпазирро омода ва ба бозори меҳнати миллӣ ва байналмилалӣ пешниҳод намоем.

## 2.3. ВАЗИФАҲОИ РУШДИ СТРАТЕГӢ

Вазифаҳои асосии Стратегия инҳоянд:




**Вазифаҳои иловагии Стратегия:**

- ташаккули экосистемаи муосири таълимӣ ва низоми ягонаю мақсадноки омода кардани кадрҳои соҳибтахассус ва рақобатпазир;
- танзими шароити мусоид ва созгори таълим дар донишгоҳ, тавсеаи заминаҳои моддию техникӣ ва таъминоти инфрасохтории таҳсилоти кластерию инноватсионӣ;
- ташкил ва таҷҳизонидани озмоишгоҳҳои таълимӣ, дастрасии устодону донишҷӯён ба технологияҳои иттилоотию иртиботии муосир, интернети баландсуръат ва дигар воситаҳои иртиботӣ;
- такмили сохтори донишгоҳ – ташкили озмоишгоҳҳои илмӣ дар самти тайёркунии мутахассисони соҳибкасб, омода кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ ва ташкили курсҳои такмили ихтисос, зиёд кардани ихтисосҳо дар зинаи магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисос, бозомӯзии баъд аз таҳсилоти олии касбӣ таҳсилоти фосилавӣ, ташкилу беҳтар намудани вазъи курсҳои тайёрӣ, таъсиси сикли пурраи омодакунии кадрҳои баланҷихтисос;
- баланд бардоштани сатҳ ва самаранокии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ба роҳ мондани иҷрои корҳои илмӣ-амалӣ дар асоси шартномаҳо бо муассисаву ташкилотҳо, ширкату корхонаҳо ва вазорату идораҳо, таъсиси озмоишгоҳҳои маҷозии илмӣ ва гурӯҳҳои илмии минтақавӣ ва байналхалқӣ;
- беҳтар намудани фаъолияти донишгоҳ дар самти омодакунии кадрҳои илмию педагогӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои ҷалби бештари ҷавонони лаёқатманд ба корҳои илмӣ ва таълимӣ, таъмини фаъолияти самараноки магистратура ва докторантураи донишгоҳ, истифодаи робитаҳо бо марказҳои илмию таълимии хориҷӣ бо мақсади тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи иқтисодиёт ва молия;
- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти табъу нашр, таҳияи китобҳои дарсӣ, видео ва аудиолексияҳо, дастурҳои таълимӣ ва дигар

воситаҳои тарғиби илму дониш барои ҷавонон, таҳияи наворҳои тарғиботӣ ва ҳавасмандкунанда;

- бозёфт ва амалӣ намудани роҳҳои ҷалби маблағҳои ғайрибуҷавӣ (лоиҳаю грантҳои ташкилотҳои байналхалқӣ, бонкҳо ва дигар сохторҳо, иҷрои шартномаҳои дутарафаю бисёртарафа ва ғайра), иштирок дар барномаҳои грантӣ ва супоришӣ;
- беҳтар намудани шароити моддию маишии омӯзгорону кормандон ва донишҷӯён, ташаккули муҳити бидуни маҳдудиятҳо ва барои фаъолияти натиҷабахш мусоид;
- ҳамаҷониба омӯхтану истифода намудани имкониятҳои баланд намудани музди меҳнати омӯзгорон ва беҳтар кардани шароити манзилии онҳо, бунёди иншооти варзишӣ, табобатӣ ва истироҳатӣ;
- такмили ихтисоси кормандони соҳаи молияву иқтисод ва устодону кормандони донишгоҳ ва дар ин асос татбиқ ва амалигардонии лоиҳаҳои грантӣ, принсипи кластерию инноватсионии таълим ва ташаккули муҳити рақобатпазири таҳсилотӣ ва илмию таҳқиқотӣ.

## 3. МЕХАНИЗМИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ



*Ташаккули экосистемаи таҳсилотии донишҷӯмеҳваре, ки ба истифодаи васеи технологияҳои муосир, заминаҳои мукаммали таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, таъминоти кадрӣ ва модели кластерию инноватсионӣ такя карда, сифати таҳсилот ба сифати маҳаки он шинохта мешавад.*

Дар ин самт амалисозии самтҳои зерин ҳамчун афзалият интихоб шудаанд:

1.1. Коркарди барномаҳои нави таҳсилотӣ ва таълимӣ бо асоснокунии шакли иҷрои онҳо:

- ташкили платформаи таҳсилотии рақамӣ, аз он ҷумла тавассути пешниҳоди маҷозии хадамоти таҳсилоти ва назорати таҳсилоти фосилавӣ;
- аудити барномаҳои таҳсилотӣ ва таълимӣ, санҷиши мутобиқати онҳо ба талаботи бозори меҳнат ва принсипҳои таҳсилот тибқи низоми Болония;
- таҳкими ҷанбаи амалии раванди таълим дар донишгоҳ бо истифода аз усули кластерӣ ва дуалии таълим омода кардани мутахассисон бо назардошти таклифу пешниҳодҳои кордиҳандагон;
- ташаккули низоми таҳсили донишҷӯмеҳвар ва пешниҳоди имконияти интихоби масири таҳсилотӣ барои донишҷӯён;
- тақвияти фаъолияти эҷодии ҳайати профессорону устодон бо мақсади ҷалби онҳо ба навиштани китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимии муосир, видео ва аудиолексияҳо, омодакунии маводҳои инноватсионӣ ва интерактивии таълими мутахассисони рақобатпазир.

1.2. Коркард ва ҷорисозии технологияҳои нави таълимӣ ва низоми дастгирии муҳассилин:

- такмили таҷрибаи паҳнкунии корҳои таълимии фаъол ва таҷрибаи пешқадам бо истифода аз усулҳои инноватсионӣ;

- идома додани коркарди таъминоти методӣ ва ҷорисозии воситаҳои техникии инноватсионӣ ва иттилоотию иртиботӣ дар раванди таълим, ташкили курсҳои ва барномаҳои фарогири таҳсилотӣ;

- таъмини сатҳи баланди қаноатмандии муҳассилин ва кордиҳандагон аз сифати таълим дар донишгоҳ, аз ҷумла тавассути ташкили робитаи мутақобила бо шарикони иҷтимоӣ, ташкис ва санҷиши барномаҳои таҳсилотӣ ва таълимӣ.

1.3. Такмили сифати таълим дар асоси баланд бардоштани савияи касбии ҳайати омӯзгорони донишгоҳ, аз он ҷумла тавассути:

- ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати маҳорати педагогӣ ва тавсеаи ҷаҳонбинии касбӣ, аз он ҷумла дар хориҷи кишвар;

- ба роҳ мондани чораҳои ҳавасмандгардонии омӯзгорон ва мутахассисони ҷавон дар самти такмили ихтисос ва истифодаи усулҳои фаъоли таълим;

- ташкили ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ватанӣ ва хориҷӣ ҷиҳати такмили ихтисос ва табодули таҷриба дар самти рушди касбии ҳайати омӯзгорону профессорони донишгоҳ.

1.4. Такмили низоми кор бо ҷавонони соҳибистеъдод ва ассотсиатсияи хатмкунандагони донишгоҳ:

- такмили раванди бакортаъминкунӣ, инкишофи касбии донишҷӯён ва хатмкунандагони донишгоҳ, татбиқи модели таҳсилоти муттаассил;

- фаъолгардонии раванди ҳамкорӣ бо кордиҳандагон ва созмону ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ташаккули иртиботи мутақобила бо ҷонибҳои манфиатдор.

- мониторинги доимии ба кор таъмин шудани хатмкунандагон ва ҷамъоварию коркарди таклифу пешниҳоди онҳо ҷиҳати такмили стандартҳои давлатӣ ва барномаҳои таълимӣ, инчунин ташкили вохӯриҳо бо онҳо.



*Гузариш ба модели донишгоҳи таҳқиқотӣ дар асоси таъсиси академия, мактабҳои бузурги илмӣ, тавсеаи занҷираи илм-истеҳсолот-тиҷорат, тақвияти модели кластерии таҳқиқотҳои илмӣ ва фаъолияти инноватсионӣ, аз он ҷумла дар заминаи таъсиси озмоишгоҳҳои маҷозӣ ва гуруҳҳои илмии байналмилалӣ.*

2.1. Инкишофи фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва илмию инноватсионӣ дар асоси татбиқи таҷрибаи пешқадам:

- такмили инфрасохтори баландбардории самаранокии тадкиқотҳои илмӣ, аз он ҷумла тавассути ташкили озмоишгоҳҳои илмию пажуҳишӣ ва академияи илмию таҳқиқотӣ;

- мониторинги талаботи воқеии бахши хусусӣ ва корхонаҳо ба коркардҳои илмӣ вобаста ба сиёсати давлатии илм ва техника, дарёфт ва иҷрои супоришҳои илмию истеҳсолӣ ва таҷрибавӣ;

- инкишофи мактабҳои илмӣ ва пайвастани онҳо бо дигар мактабҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ, ташкили гурӯҳҳои илмии минтақавӣ ва байналхалқӣ;

- инкишофи низоми ҷалби муҳассилин ба фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва инноватсионӣ, ташкили мониторинги доимии фаъолияти илмию таҳқиқотии магистрон ва аспирантону унвонҷӯён;

- афзоиши ҳаҷми маблағгузории корҳои илмию тадқиқотӣ, таъсиси лоиҳаҳои хурди илмии дохилидонишгоҳӣ ва грантҳои мавзӯӣ;

**-ба рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ва система ва базаҳои реферативии байналмилалӣ шомил намудани «Паёми молия ва иқтисод»**;

-ташаккули фарҳанги иҷрои корҳои илмӣ – таҳқиқотии дастаҷамъона дар асоси ташкили корҳои илмию тадқиқотии байнифаннӣ, риояи ахлоқи илмӣ;

- ҳавасмандгардонии нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи миллӣ ва байналмилмилалӣ, анҷом додани таҳқиқотҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ, иштирок дар конференсия ва симпозиумҳои байналмилалӣ.

2.2. Тавсеаи ҳамкориҳои байналхалқӣ дар соҳаи илм:

- инкишофи мубодилаи байналхалқии илмӣ – тадқиқотии устодон аз рӯйи самтҳои афзалиятноки фаъолияти донишгоҳ;

- воридсозии ғояҳои инноватсионӣ ва илмию тадқиқотӣ, аз он ҷумла тавассути ҷалби олимону коршиносони хориҷӣ;

-тақвияти корҳои илмию тадқиқотии ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳассилин дар доираи ҳамкориҳо бо шарикони хориҷӣ;

- тавсеаи иштироки ҳайати профессорону омӯзгорон дар барномаҳои озмуни лоиҳаҳои грантӣ, ташкили коромӯзии илмӣ, мубодилаи академӣ ва гузаштан аз курсҳои такмили ихтисоси донишгоҳҳои хориҷӣ.

2.3. Дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии рушди касбии кадрҳои илмию педагогӣ:

- пешбурди нашри таълифоти ҳайати профессорону устодон дар маҷаллаҳои такризшавандаи байналмилалӣ ва шомили руйхати базаҳои реферативии байналмилалӣ;

- инкишофи таҷрибаи коромӯзии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони илмӣ дар ширкату корхонаҳои ватанӣ ва хориҷӣ;

- ташаккули низоми такмили ихтисоси кормандон дар самти истифодаи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар корҳои илмию тадқиқотӣ;

- ҷалби олимони хориҷӣ барои гузаронидани курсҳои такмили ихтисос дар заминаи амалисозии интиқоли дониш, технология ва барномаи омодакунӣ ва бозомӯзии кадрҳо;

- баргузор намудани озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз он ҷумла дар асоси ташаккули ҳамкориҳо бо вазорату идораҳои давлатӣ ва шарикони хориҷӣ.

*Густариши равобити байналмилалӣ бо мақсади дарёфт ва татбиқи моделҳои муосири таҳсилотӣ ва илмию таҳқиқотӣ, ки дар донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон истифода карда мешаванд, гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ ва иштирок дар рейтингҳои соҳавӣ.*

3.1. Инкишофи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар низоми таҳсилоти муттасил:

- ҷалби бештари шаҳрвандони хориҷӣ ба донишгоҳ тавассути зиёд кардани барномаҳои таълимие, ки бо забонҳои хориҷӣ таълим дода мешаванд;
- инкишофи ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, марказҳои намоёни илмию тадқиқотӣ ва созмону ташкилотҳои байналхалқӣ;
- инкишофи барномаи “Профессори даъватшуда” аз донишгоҳҳои бонуфузи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, намояндагони муваффақи ҷаҳони сиёсат ва тиҷорат, аз он ҷумла тавассути ташкили курсҳои маҷозӣ;
- инкишофи мунтазами барномаи мубодилаи донишҷӯён ва мубодилаи академӣ бо мақсади тайёр кардани мутахассисони баландихтисос;
- муаррифии донишгоҳ дар чорабиниҳои мазмун ва сатҳи гуногундошта, ассотсиатсияҳои минтақавию байналмилалӣ, рейтинг ва иттиҳодияҳои гуногун;
- тавсеаи салоҳиятҳои иртиботӣ ва забонии устодон ва донишҷӯён тавассути ташкили марказ ва курсҳои забономӯзӣ;
- чораҷӯӣ ҷиҳати ташкили барномаҳои муштараки таълимӣ аз рӯйи барномаи «таҳсилоти дудиплома», ташкили факултетҳои муштарак аз рӯйи самт ва ихтисосҳои мубрам, аз ҷумла тавассути ташкили таълими фосилавӣ;
- иштирок дар барномаҳои байналмилалии «Эразмус+» ИА, «Фулбрайт»-и Сафорати ИМА ва ғайраҳо;
- тақвияти корҳо дар самти таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳо ба озмунҳои грантӣ дар асоси ташкили гурӯҳҳои махсус ва бо назардошти зарурати такмили сифати таълим, корҳои илмию тадқиқотӣ ва ҳалли масоили вобаста ба инкишофи касбӣ, баланд бардоштани сифати таълим, маърифати молиявӣ, ташаккули тафаккури соҳибкорӣ ва рафтори инвеститсионӣ, ҳамкориҳо дар самти инкишофи касбӣ ва омода кардани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат, рақамикунонии раванди таълим ва идоракунии донишгоҳ;
- тақвияти ҳамкориҳо бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмию истеҳсолии ватанӣ дар самти баланд бардоштани касбияти устодон ва олимону муҳаққиқони ҷавон, такмили стандарт ва барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва самаранокии корҳои илмию тадқиқотӣ тавассути ташкили робитаҳои шабакавӣ, истифодаи васеи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ ва ташкили чорабиниҳои таълимию методӣ ва илмию тадқиқотии муштарак;
- аз аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ гузаронидани донишгоҳ ва дарёфти имконият ҷиҳати дар рейтингҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ иштирок намудани донишгоҳ;

- ташкили бахши таҳияи лоиҳаҳои грантӣ ва дарёфти сарчашмаҳои иловагии инвеститсионӣ.



*Ташаккули фазои мукаммали маънавӣ, инкишофи салоҳияти иҷтимоию фарҳангӣ ва маданияти корпоративӣ, маънавию ахлоқӣ ва шахсӣ дар заминаи тавсеаи таҷрибаи шарикии иҷтимоӣ ва тақвияти эҳсоси ватандӯстию ватанпарастӣ ва худшиносиву худоогоҳии миллӣ.*

4.1. Ташаккули шахсияти комил, ки масъулияти баланди шаҳрвандӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ дорад:

- дастгирӣ ва тақвияти фаъолияти маҳфилҳои «Пайравони Пешвои миллат», «Созандагони ватан» ва ҳаракатҳои волонтёрӣ дар донишгоҳ;
- гузаронидани корҳои пешгирӣ, фаҳмондадиҳӣ, машваратӣ, ташхис ва такмили рӯҳию равонии донишҷӯён;
- таҳкими фаъолият дар самти пешгирии шомилшавии донишҷӯён ба гурӯҳҳо ва равияҳои хусусияти ифтортгароӣ ва террористидошта;
- гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ тавассути ташкили нишастҳо, вохӯриҳо, семинару мизи мудаввар ва мусоҳибаву муошрати фардию коллективӣ ҷиҳати ташаккули ақидаи солим, ҷаҳонбинии мукаммал ва шахсияти комил бо мақсади бедор кардани эҳсоси нафрат ва мухолифат ба зуҳуроти номатлуб, аз қабили истифодаи маводи мухаддир, истифодаи нодурусти вақт ва амалу рафторе, ки ба шахсият, ҷамъият ва башарият таҳдид эҷод мекунад;
- тарғиби нигаҳдорӣ ва пешбурди тарзи ҳаёти солим дар байни донишҷӯён ва ҳайати профессорону устодон;
- баландбардории фаъолнокии иҷтимоии донишҷӯён тавассути ҷалби онҳо ба фаъолияти волонтёрӣ ва чорабиниҳое, ки ба тарғиби дӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ равона карда шудаанд;
- расонидани кумаки иҷтимоӣ ва дастгирии донишҷӯён бо мақсади беҳтарсозии шароити таҳсил тавассути сармоягузорӣ ба саломатӣ, омӯзиш ва муваффақияти иҷтимоии онҳо;
- такмили тарбияи иқтисодӣ тавассути ташаккули салоҳият, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури соҳибкорӣ, ҷаҳонбинии рақамӣ, рафтори инвеститсионӣ ва маърифати молиявӣ бо мақсади таҳия ва татбиқи бизнес-нақшаҳо ва рушди касбият;
- баландбардории сифати омодакунии кадрҳои ҷавон тавассути пешниҳоди имкониятҳо ҷиҳати инкишофи малакаи корӣ аз рӯйи самти интихобкардаашон.
- ташаккули фаъолияти вокунишӣ дар самти мубориза бо зуҳуротҳои номатлуб, фарҳанги истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ дар фазои маҷозӣ.



*Ташаккули инфрасохтори мукаммалу самарабахш тавассути ташкили озмоишгоҳҳои муосири таълимӣ, илмию таҳқиқотӣ, унсурҳои ифнрасохтори маишию маданӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, варзишию тафреҳӣ ва таъмини хадамоти заминавӣ барои ҳайати омузгорону профессорон ва донишҷӯён*

5.1. Инкишофи инфрасохтори муосир ва муҳити бидуни маҳдудият дар донишгоҳ:

- ҷорисозии низоми муосир ва маҷмӯии идоракунии донишгоҳ;

- ба таври максималӣ коҳиш додани гардиши ҳуҷҷатҳои коғазӣ дар дохили донишгоҳ тавассути таъмини гардиши электронии онҳо;

- таъмини моддию техникии раванди таълим, корҳои илмию тадқиқотӣ ва зиёд кардани шумораи шабакаи озмоишгоҳҳо;

- нигаҳдорӣ ва инкишофи шароитҳои муосири манзилию коммуналӣ дар биноҳои таълимӣ, истиқоматӣ ва ёрирасон;

- гузаронидани маркетинги тамоми самти фаъолияти донишгоҳ;

- тавсеаи масоҳати китобхона ва зиёд кардани фонди китобҳо, аз он ҷумла бо адабиёти электронӣ;

- бунёди корхонаҳои хурди истеҳсолии инноватсионӣ ва дарёфти сарчашмаҳои нави даромад, тақвияти фаъолияти Парки технологӣ.

- истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ ва моддию техникии донишгоҳ, ҳифзи арзишҳо ва дороиҳои донишгоҳ.

## 4. ИНДИКАТОРИ ИҶРОИШИ СТРАТЕГИЯ

Индикаторҳои рушди донишгоҳ нишондиҳандаҳои миқдорие ба ҳисоб мераванд, ки дастовардҳои мушаххасро аз рӯйи самтҳои алоҳидаи стратегӣ тавсиф медиҳанд:

## ИНДИКАТОРҲОИ
рушди стратегии Донишгоҳ дар давраи татбиқи Стратегия:

| Нишондиҳандаҳо | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нишондиҳандаҳои умумӣ:** | | | | | | |
| **Мақоми донишгоҳ дар рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар (мавқеъ дар рейтинг)** | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | |
| **Интихоби донишгоҳ аз ҷониби довталабон дар Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (мавқеъ дар рӯйхат)** | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | |
| **Шумораи кафедраҳо** | 30 | 30 | 30 | 30 | 30 | |
| **Шумораи факултетҳо** | 7 | 7 | 7 | 7 | 7 | |
| **1. Фаъолияти таълимӣ** | | | | | | |
| **Нишондиҳандаҳои асосӣ:** | | | | | | |
| **Шумораи ихтисосҳо** | 37 | 40 | 42 | 44 | 46 | |
| **Шумораи синфхонаҳои компютерӣ** | 20 | 21 | 22 | 24 | 25 | |
| **Барномаҳои таълимӣ** | 509 | 475 | 460 | 420 | 400 | |
| **Шумораи донишҷӯён, магистрон ва докторантон** | 7600 | 8400 | 8800 | 9200 | 10000 | |
| **Таҳияи аудио ва видеолексияҳо** | 35 | 72 | 105 | 107 | 200 | |
| **Гузаронидани устодон ва кормандон аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ %** | 15 | 18 | 20 | 23 | 24 | |
| **2. Фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва инноватсионӣ** | | | | | | |
| **Нишондиҳандаҳои асосӣ:** | | | | | | |
| **2.1.1. Ҳимояи рисолаҳои докторӣ (нафар)** | 2 | 2 | 3 | 3 | 3 | 13 |
| **2.1.2.Ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва доктор PhD (нафар)** | 15 | 16 | 16 | 17 | 20 | 84 |
| **2.1.3. Чопи мақолаҳо (адад)** | 1320 | 1380 | 1410 | 1430 | 1500 | 7040 |
| **2.1.4. Чопи мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА** | 107 | 130 | 150 | 190 | 250 | 827 |
| **2.1.5. Чопи мақолаҳо дар маҷаллаҳои базаҳои реферативии байналмилалӣ SCOPUS, WEB of SCIENCE… (адад)** | 1 | 2 | 5 | 7 | 9 | 26 |
| **2.1.1. Нишондиҳандаҳои ДДМИТ дар РИНЦ (ҷой аз рӯи шумораи мақолаҳо)** | 15 | 14 | 12 | 10 | 8 | |
| **2.1.1. Чопи монографияҳо (адад)** | 20 | 23 | 25 | 26 | 26 | 120 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **2.1.1. Чопи китобҳои дарсӣ (адад)** | 27 | 27 | 27 | 27 | 27 | 135 |
| **2.1.1. Нашри маҷаллаи «Паёми молия ва иқтисод» (шумора)** | 4 | 5 | 7 | 7 | 8 | 31 |
| **2.1.1. Зиёд кардани номгӯи китобҳо ва теъдоди онҳо дар китобхонаи илмӣ ва электронии донишгоҳ (номгӯ/адад)** | 90/350 | 110/500 | 112/700 | 180/900 | 250/1000 | 742/3450 |
| **3. Робитаҳои байналмилалӣ ва робита бо ҷомеа** | | | | | | |
| **Нишондиҳандаҳои асосӣ:** | | | | | | |
| **3.1.1. Миқдори шарикони донишгоҳ** | 135 | 140 | 145 | 150 | 155 | |
| **3.1.2. Миқдори лоиҳаҳои грантӣ (миллӣ ва байналмилалӣ)** | 3 | 5 | 5 | 5 | 5 | |
| **3.1.3. Теъдоди “профессорони даъватшуда”** | 10 | 15 | 20 | 25 | 30 | |
| **3.1.4. Шумораи донишҷӯёни дар барномаи мубодила иштирокунанда** | 15 | 20 | 30 | 40 | 50 | |
| **3.1.5. Шумораи донишҷӯёни хориҷие, ки дар донишгоҳ таҳсил мекунанд** | 900 | 1000 | 1000 | 1000 | 1000 | |
| **4. Инфрасохтор ва таъминоти молиявӣ** | | | | | | |
| **Нишондиҳандаҳои асосӣ:** | | | | | | |
| **4.1.1. Масоҳати умумии биноҳои таълимӣ, м²** | 16465 | 16465 | 16465 | 16465 | 21965 | |
| **4.1.2. Масоҳати умумии хобгоҳҳо, м²** | 11170 | 11170 | 11170 | 11170 | 11170 | |
| **4.1.3. Масоҳати умумии иншоотҳои варзишӣ ва фарҳангӣ, м²** | 2352 | 2352 | 2352 | 2352 | 2652 | |